**Нусха**

из протоколи № 9 - и

ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

аз 4-уми майи соли 2022

Иштирок доштанд:
Кучибоев Ш.И –мудири кафедра
Аъзоёни кафедра – 24 нафар
Иштирок надоштанд – 6 нафар

**РӮЗНОМА**

**Масъалаи чорӣ. Оид ба муҳокима ва баррасии рисолаи номзадӣ**

**Шунида шуд**: Кучибоев Ш.И. – дар баромади худ мудири кафедра, ҳозиринро бо муҳтавои рисолаи номазадии бaанҷомрасонидаи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шинос намуда, таъкид дошт, ки бо рисола устодони кафедра шинос шуда, хулосаҳои худро омода намудаанд. Айни замон мо ба муҳокима ва баррасии диссертатсия шурӯъ менамоем.

**Шунида шуд:** - унвонҷӯй Дадобоева Муслима Бахтиёровна оиди мундариҷаи асосии мавзӯи диссертатсионии хеш баромад намуда, доир ба мубрамияти рисолаи бaанҷомрасонида, навгониҳо, аҳамияти назариявӣ ва амалии он маълумот дод.

Сипас оиди рисолаи муҳокимашаванда бо унвонҷӯй саволҳо пешниҳод карда шуд, ки ба ҳар як савол унвонҷӯй ҷавоби мушаххас дод. Дар идомаи муҳокима номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарипов А. баромад намуда, қайд намуд, ки мавзӯи таҳқиқ гардида, яке аз муаммоҳои муҳими илми педагогикаи муосир маҳсуб меёбад. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти сершумори илмӣ унвонҷӯй масъалаҳои ҳалталаби онро амиқ намуда, дастгоҳи илмии рисоларо ба таври амиқу возеҳ омода намудааст.

Рисолаи мазкурро бо тозагии мавзӯи тадқиқотии хеш метавон як кори муҳими самти баррасии муаммои муҳими педагогӣ - шартҳои педагогии фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи

муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ) унвон кард, ки то кунун ба ин масъала дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст. Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Муқарриз ба диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) баҳои мусбӣ дод.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим» (дар асоси маводи фанҳои биологӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори тахассусии баанҷомрасида ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим» (дар асоси маводи фанҳои биологӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Мудири кафедра — Кучибоев Ш.И.

Котиби ҷаласа — Атохоҷаева Ҳ.А.